# МУҲАММАДЮСУФ МАЪЮСӢ

**Сафарова Сабрина**
*Донишгоҳи давлатии Фарғона Равияи тоҷикӣ донишҷӯи курси 3*

Муҳаммадюсуф Маъюсӣ соли 1871 дар деҳаи Хонҷизаи вилояти Сурхандарё дар оилаи камбағалт ба дунё омадааст. Маъюсӣ дар айёми кӯдакӣ аз падараш илмҳои динӣ ва адабиро меомӯзад ва баътар дар деҳаи худаш таълимашро давом медиҳад. Давраи кӯдакиаш ба машаққатҳои зиёд гузаштааст. Ин шоир аз кӯдакӣ ба илм гирифтан шавқ дошт, шеър ва ғазалҳоро тез азхуд карда мегирифт ниҳоят зеҳни баланд дошт. Дар бораи оилааш маълумоти пура нест, Маъюсӣ баъди хатми мактаб барои таълим гирифтан ба Бухоро меравад ва дар он ҷо бо бисёр шоирон ва нависандагон шиносоӣ пайдо мекунад, дар Бухоро ба навиштани шеър, ғазал, мухаммас машғул мешавад. Маъюсӣ дар Бухоро бо яке аз ҳамдеҳагони худ шинос мешавад, ки Сӯфии Харобаи Ҳисорӣ ном дошта, дар байни мардум бо хисоли ангушт шумори хеш нуфузу этибори зиёте ёфта буд, шиносоӣ бо ин кас дар фаъолияти Маъюсӣ таъсири калон расонидааст. Сӯфии Харобаи Ҳисорӣ шахсияте аз дилбастаи ҷараёни нақшбандияи тасаввуф будааст. Ин байти Маъюсӣ гувоҳи ин маънист:

Нақшбандо, бар дарат ранги хазон овардаам,
Дар ҷабини худ гунаҳкорӣ нишон овардаам,
Дар хазоини ту бисёр аст ганҷу симу зар,
Дар ҳаримат он чӣ камёб аст, он овардаам.
Назр месозанд мардум дар ҳаримат симу зар,
Ман ба назри остони дӯст ҷон овардаам...

Нақлу ривояте ҳаст, ки як шаби тамомро сари мақбараи ҳазрати Баҳоуддини Нақшбанд бо дуову муноҷот рӯз карда, субҳ ин ғазали обдорро сароида. Ҳамин тавр, Маъюсӣ бо Сӯфии Харобаи Ҳисорӣ дӯстии наздик пайдо мекунад. Тахминан, солҳои 1911, баъд аз бист соли таҳсил Аз Бухоро ба зодгоҳи худ баргашта оиладор мешавад. Шоир баъди як моҳ барои итмоми таҳсил боз ба Бухоро бармегардад, соли 1915 мадрасаи Мири Арабро бо муваффақият хатм мекунад. Маъюсӣ соли 1926 бо ҳамроҳии эшони Содиқи Самарқандӣ ва Мулло Бурҳон ба азми зиёрати Каъба ба роҳ мебарояд. Аммо дар роҳ инқилобиёни сурх барпокунандагони Ҳукумати Шӯравии собиқ шоиру ҳамроҳонашро дастгир намуда, муддате ҳабс ва сипас боз ба зодгоҳаш мегуселонанд. Минбаъда шоир дар зодгоҳаш умр гузаронида соли 1948 аз дидаи бино маҳрум мешавад, шоир умре доғи бефарзандиро кашида, абёти зиёде дар ин мавзуъ сурудааст.

Солҳо бигзаш, ҷигарбанде наёмад бар дарам,
З-ин сабаб ёрон, ман ин дам додгӯён меравам.

Шоир қобиляти баланди азхудкунӣ дошта, ки баъди оҷиз шудан 14 пораи боқимондаи Каломуллоҳи маҷидро бо такрори дигарон дар хотира ҳифз карда

ва аксари ашъори худро маҳз дар давраи нобиноияш эҷод намудааст, ки бо баробари сурудан шогирдонаш онҳоро ба дафтарҳо навишта, то ба имрӯз расонидааст. Муҳаммадюсуф Маъюсӣ соли 1967 шаби ҷумъа аз олам чашм мепӯшад. Шоир бисёр шахсони бомаърифат ва зиёиёнро ба камол расонидааст ва шогирдонаш аз қабили Мулло Маҳмуд, Ҳидоятулло, Абдулкабир, Ғиёсуддин ва дигарон мебошанд. Мероси шоир пурра ба мо омада нарасидааст, муаллифи асарҳои "Гуфтори Маъюсӣ" ва "Таҷаллои ишқ", "Асмо-ул-ҳусно" маҳсуб мегардад. Аъшори шоир таввасути додарзодааш ва шогирдаш Абдулқосим имрӯзҳо дастраси аҳли илм гардида истодааст ва як қисми шеърҳояш бо хати форсӣ китобат гардидааст. Чор мисраи шеърашро шоир ба дастони худаш дар сутуни хонааш навишта, ки ҳозир ҳам ин байташ дар ҳамон ҷо боқист:

Навиштам сатре дар девори хона,
Ки монад аз мани мискин нишона.
Худовандо ато кун умру давлат,
Фақат шодӣ бубахшову амонат.

Ашъори Маъюсӣ саропо ирфонӣ аст, дунёи ботинии шоирро таҷассум мекунад ва мувофиқ ба нақли шоҳидон Муҳаммадюсуф Маъюсӣ чунон дилро ба зикр одат кунонидааст, ки ҳатто дар вақти хобаш ҳам дилаш ба зикрӣ Аллоҳ машғул буда.